«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, номзади илмҳои физика-математика, дотсент
_______________ Наҷмиддиниён А.М.
25 феврали соли 2025

# ХУЛОСАИ

шуъбаи фанҳои табиӣ-риёзӣ, технологияи иттилоотӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсияи Буриев Бахтиёр Болтаевич дар мавзуи «Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот(илмҳои педагогӣ).

Буриев Бахтиёр Болтаевич соли 1978 факултаи математикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро аз рӯйи ихтисоси «математика-физика» хатм кардааст (диплом ЕВ № 231542).

Дар давоми омадасозии диссертатсия Буриев Бахтиёр Болтаевич унвонҷӯйи шуъбаи омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ҳамзамон ба ҳайси ходими пешбари илмии раёсати ташхис ва тақризи адабиёти таълимии муассисаи болозикр кору фаъолият намудааст.

Имтиҳонҳои номзадиро бо баҳоҳои зерин супоридааст:

- Тарих ва фалсафаи илм – «5» (аъло) – 18.05.2021.
- Забони хориҷӣ (англисӣ) – «4» (хуб) – 13.11.2021.

Ихтисос: 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (педагогикаи умумӣ) – «5» (аъло) – 19.05.2022.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ таҳти № 845 аз 19.02.2025 аз ҷониби Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дода шудааст.

Роҳбари илмӣ: Қодиров Бахтиёр Розиқович - доктори илмҳои педагогӣ, профессор-ходими илмии шуъбаи коркард, татбиқи технологияи инноватсионии таълим (таҳсилоти 12-сола).

Диссертатсияи Буриев Бахтиёр Болтаевич дар шуъбаи фанҳои табиӣ-риёзӣ, технологияи иттилоотӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои

таълимию китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон таҳия гардида, ба омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳими педагогикаи муосир – "Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ" равона гардидааст.

Рисолаи мазкурро муқарризони холис Гулмадов Ф. – д.и.п., мудири шуъбаи педагогика ва методикаи таълими Академияи таҳсилоти Тоҷикистон; Сафаров Бахтиёр Бердиевич – н.и.п., мудири кафедраи физикаи тиббӣ ва биологӣ бо асосҳои технологияи информатсионии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон бо номи Абуали Ибни Сино; Шарипов Нусратулло Зайдуллоевич – н.и.п., дотсент, дотсенти кафедраи математикаи олӣ ва фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи тиҷорати Тоҷикистон мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода, тақризҳои худро пешниҳод намуданд.

Буриев Бахтиёр Болтаевич кори илмӣ-таҳқиқотии худро дар мавзуи «Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ» зери роҳбарии доктори илмҳои педагогӣ, профессор Қодиров Бахтиёр Розиқович ба анҷом расонидааст.

Ҷаласаи васеи шуъбаи фанҳои табиӣ-риёзӣ, технологияи иттилоотӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсӣ-и Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон баромади довталаби дараҷаи илмӣ Буриев Бахтиёр Болтаевич дар мавзуи «Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ», хулосаи роҳбари илмӣ доктори илмҳои педагогӣ, профессор Қодиров Бахтиёр Розиқович, муқарризони холис ва музокираву муҳокимаҳои илмии иштирокчиёни ҷаласаро шунида, ба чунин хулоса расид:

1. Ихтисос, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Буриев Бахтиёр Болтаевич дар мавзуи «Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ» ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот(илмҳои педагогӣ) мувофиқат мекунад.

2. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Буриев Бахтиёр Болтаевич дар мавзуи «Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ» мубрам ва дархӯри тақозои замони муосир буда, дар он ба мазмун ва мақсади шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз математика ва технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста

ба талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва ҷомеаи муосир муҳим арзёбӣ шудааст.

3. Арзиши амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф асосҳои назариявӣ, коркарди педагогӣ ва натиҷаҳои он, амсилаи муассиру дар асоси озмоиш санҷидашударо пешниҳод менамояд, ки метавонанд ҳангоми таълими фанни математика, дар машғулиятҳои берун аз синфии математикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирад. Маводи илмӣ - методии таҳқиқотро ҳангоми такмили ихтисоси омӯзгорон ва тайёрии касбӣ - методии омӯзгори оянда математика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ истифода бурдан имконпазир аст.

Довталаб дар ҷараёни корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ба ҳаллу фасли мақсади таҳқиқот ноил шуда, дуруст будани фарзияи пешниҳодкардаи муҳаққиқ тасдиқи худро ёфтааст.

Муҳаққиқ проблема, мақсаду вазифа ва фарзияи таҳқиқот, навгонии диссертатсиониро дуруст муайян карда, дар ин замина корҳои зеринро иҷро намудааст, аз ҷумла:

1.Мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ манбаи беназири супоришҳо, усулҳо ва ғояҳоест, ки ба рушди тафаккури эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мусоидат мекунанд. Ин мавод воситаи пурқуввате барои ташаккули тафаккур, малакаҳои таҳлилию таҳқиқотӣ ва пеш аз ҳама барои ташаккули қобилияти эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аст. Дар асрҳои миёна Шарқ ба маркази тарҷумаи матнҳои антиқӣ ва рушди ғояҳои нави илмӣ ва фарҳанг табдил ёфта буд. Дар ин давра махсусан ба алгебра, геометрия, астрономия ва арифметика диққати махсус дода мешуд. Асарҳои математикҳои асримиёнагии шарқ ба рушди илми аврупоӣ мусоидат карданд ва аз ин нуқтаи назар истифода бурдани ин дастовардҳо дар раванди таълиму тадрис ба манфиати кор аст.

2. Мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ на танҳо як қисми таърихи илм, балки манбаи бойи дониш аст, ки онро дар раванди таълими математикаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ самаранок истифода бояд бурд. Он имкон медиҳад, ки равишҳои таърихӣ, байнифаннӣ ва фарҳангӣ ба омӯзиш ворид карда шаванд, ки ин ба рушди тафаккури интиқодӣ, таваҷҷӯҳ ба математика ва дарки хусусияти глобалии илм дар хонандагон мусоидат карда, боиси ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон мегардад. Дохил кардани мисолу масъалаҳо аз мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ ва усулҳои математикаи ҳалли мисолу масъалаҳо ба тарви асримиёнагии шарқӣ ба раванди таълим имкон медиҳад, ки: рушди таваҷҷӯҳи маърифатии хонандагон рушд карда, таъмини робитаи байнифаннии математика бо таърих, фарҳанг ва санъат барқарор гардад.

3. Мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ воситаи беназирест, ки ба рушди қобилияти эҷодии хонандагон дар дарсҳои математика мусоидат мекунад. Онҳо ба хонандагон имкон медиҳанд, ки математикаро бо таърих ҳамгиро омӯзанд ва яклухтии оламро ба тези дарк намоянд. Истифодаи мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ дар дарсҳои математика таваҷҷӯҳро ба мавзуъ ҳавасманд карда, малакаҳои эҷодӣ ва тафаккури интиқодиро инкишоф медиҳад. Намунаҳои ҳалли мисолу масъалаҳои гузаштагонамон, аз ҷумла корҳои математикҳои барҷаста, ҳаёт ва фаъолияти онҳо ба хонандагон кӯмак мекунанд, ки на танҳо математикаро беҳтар дарк кунанд, балки тасаввурот ва қобилияти ҳалли масъалаҳои ғайримуқаррариро инкишоф диҳанд.

4. Истифодаи мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ дар дарсҳои математика дорои иқтидори назарраси тарбиявӣ мебошад. Корҳои мутафаккирони барҷаста, ба монанди Ал-хоразмӣ, Умари Хайём, Абӯрайҳони Берунӣ ва дигарон на танҳо дониши хонандагонро ғанӣ мегардонанд, балки роҳнамои хонандагон дар ҷодаи илмомӯзӣ мегардад. Онҳо намунаи талош барои ҳақиқат, истодагарӣ дар ҷустуҷӯи ҳалли масъалаҳо ва эҳтиром ба мероси фарҳангии халқҳои гуногунро дарк мекунанд.

5. Модели таҳияшудаи ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ дар раванди таълим метавонад тавассути: дарсҳои махсус таҳияшуда ва ё курсҳои ҳамгирошуда; фаъолияти беруназсинфӣ (маҳфилҳо, озмунҳо, лоиҳаҳо); дастурҳои таълимӣ, маълумотномаҳои таърихӣ амалӣ карда шавад.

Натиҷаи корҳои озмоишӣ дар анҷоми ҳар як марҳила таҳлилу ҷамъбаст гардида, мақолаҳои илмии зерини дар нашрияҳои илмии тақризшаванда чопнамудаи унвонҷӯ пурра мазмуни рисоларо фаро мегиранд:

[1-М] Буриев Б. Б. Нақши назми риёзӣ дар беҳдошти қобилияти муоширатии хонандагон дар ҷараёни омӯзиши фанни математика /Б.Б. Буриев //-Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2013. № 3/5 (118). - С. 236-239

[2-М] Буриев Б. Б. Истифодаи баъзе хосиятҳои функсияҳо ҳангоми ҳалли муодилаҳои ғайристандартӣ /Б.Б. Буриев // - Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. -2019. № 1 (25). - С. 131-135.

[3-М] Буриев Б.Б. Ташаккули салоҳиятҳои хонандагон дар раванди таълими математика /Б.Б. Буриев // - Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. -2019, № 2 (26). - С. 32-37.

[4-М] Буриев Б.Б.Технологияи истифодаи маводи айёнӣ ва тақсимотӣ дар раванди таълим / Б.Б. Буриев // - Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. -2020, № 3 (31). - С. 28-36.

[5-М] Буриев Б. Б. Ташаккулёбии ҷаҳонбинии хонандагон зимни омӯзиши таърихи математика /Б.Б. Буриев // -Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. -2021. №3 (35). - С.174-180.

[6-М] Буриев Б. Б. Об неъмати бебаҳо (меҳвари дарси математика) (дар ҳаммуаллифӣ) /Б.Б. Буриев // - Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. - 2021. № 4 (36).- С.188-194.

[7-М] Буриев Б. Б. Использование математического наследия таджикско - персидских ученых при изучении естественно - математических дисциплин в условиях инклюзивного образования (дар ҳаммуалифӣ) / Б.Б. Буриев // - Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. - 2024. № 4 (48). - С.24-28.

4. Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодкардаи довталаб дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Литсей барои хонандагони болаёқат № 4 ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур; Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ № 3, вилояти Хатлон ноҳияи Дӯстӣ; Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ № 11, вилояти Суғд ноҳияи Ҷаббор Расулов; Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ № 20, вилояти Суғд ноҳияи Ҷаббор Расулов; Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ № 8, вилояти Хатлон ноҳияи Ҷайҳун гузаронида шуда, дар онҳо ҳамагӣ 526 хонанда ва 22 омӯзгори математикаро ба корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ҷалб карда шуданд. Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ тавассути баргузории корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ тасвибу тасдиқ шудаанд. Санадҳои татбиқи натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии дар боло зикршуда мавҷуд буда, самаранокии истифодаи роҳу усулҳои ташаккули салоҳиятнокии истифодаи математикии хонандагон, сохтор ва амсилаи ташаккули салоҳиятҳои математикӣ собит карда шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар ҷаласаҳои шуъбаи фанҳои табиӣ-риёзӣ, технологияи иттилоотӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон баррасӣ шуда, дар конфронсҳои ҳамасолаи илмӣ-методӣ ва ҷумҳуриявӣ ироа ва тасвиб шудаааnд.

5. Саҳми шахсии унвонҷӯ дар он зуҳур меёбад, ки мазкур масъалаи таҳқиқоти диссертасиониро ҳаматарафа таҳлилу баррасӣ карда, таҳқиқотҳои назариявӣ ва озмоиширо дар омезиши дуруст ба роҳ мондааст, маводи таҳқиқотро таҳлили миқдорӣ ва сифатӣ карда, маҷмӯи роҳу усулҳоро вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мавриди истифода қарор додааст, дар заминаи таҳқиқоти озмоишӣ муқаррароти кори илмиро аз ҷиҳати амалӣ аз тариқи баргузории корҳои озмоишӣ тасвибу тасдиқ кардааст, натиҷаҳои озмоиш ва коркардҳои

бадастомадаро таҳлилилу арзёбӣ кардааст, оид ба мазуи диссертатсия ва натиҷаҳои таҳқиқот мақолаҳои илмӣ таҳия ва нашр карда, дар чорабиниҳои илмӣ иштирок ва маърӯзаҳо кардааст, натиҷаҳои бадастомадаро ҷаъмбаст карда, дар заминаи онҳо пешниҳоду тавсияҳои методӣ коркард ва манзур кардааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Буриев Бахтиёр Болтаевич дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ муҳим ва аҳамияти мубрам дошта, довталаб дар раванди ташаккули қобилиятҳои эҷодии хонандагони тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ мақсад ва вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда дар воқеъ ба навгониҳои илмии зерин ноил шудааст:

- Мафҳум ва моҳияти қобилияти эҷодии хонандагон ҳангоми омӯзиши математика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба таври назариявӣ асоснок карда шудааст.

- Усулҳои ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон ҳангоми омӯзиши математика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян карда шудааст.

- Модели дидактикии ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ таҳия гардида, ба таври озмоишӣ санҷида шудааст.

- Мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ аз нигоҳи таърихӣ ва математикӣ баррасӣ гардида, шароити истифодаи он дар дарсҳои математикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян карда шудааст.

- Усулҳо ва равишҳои татбиқи мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ дар таълими математикаи муосири мактабӣ ба таври озмоишӣ санҷида шудааст.

- Самаранокии модели дидактикии ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ ба таври озмоишӣ санҷида шудааст.

- Барои муаллимони математикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон дар дарсҳои математика тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ тавсияҳои методӣ таҳия карда шудааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот**. Модели дидактикии ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ таҳия карда шудаанд. Истифодаи тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ дар амалияи таълимӣ ба рушди комплексии хонандагон мусоидат мекунад: тафаккури эҷодии онҳоро ташаккул медиҳанд, таваҷҷӯҳи маърифатиро ташаккул дода, ҷаҳонбинии онҳоро васеъ мегардонад. Ин равиш таълими анъанавии

математикиро ғанӣ мегардонад ва онро шавқовартар ва самараноктар мекунад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот:**

1.Модели таҳиягардидаи ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ ки бо риояи маҷмӯи шароити педагогии татбиқи ин модел амал мекунад ба раванди таълимии мактабҳои таҷрибавӣ ворид карда шудааст.

2.Дастурҳои таълимӣ-методӣ оид ба истифодаи тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ дар раванди дарси математикаи муассиаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳия ва нашр карда шуданд, ки ба татбиқи модели ташаккули қобилиятҳои эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ равона карда шудаанд.

3.Тавсияҳои методӣ барои омӯзгорони математика оид ба ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ таҳия карда шуданд.

Ҷаласаи васеи шуъбаи фанҳои табиӣ-риёзӣ, технологияи иттилоотӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон баромади довталаби дараҷаи илмӣ Буриев Бахтиёр Болтаевич, хулосаи роҳбари илмӣ доктори илмҳои педагогӣ, профессор Қодиров Бахтиёр Розиқович, муқарризони холис ва музокираву муҳокимаҳои илмии иштрокчиёни ҷаласаро шунида,

ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи унвонҷӯи шуъбаи фанҳои табиӣ-риёзӣ, технологияи иттилоотӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсӣ-и Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Буриев Бахтиёр Болтаевич дар мавзуи «Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии шарқ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст, кори мустақилона бaанҷомрасидаи илмӣ буда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ ҷавобгӯ дониста шавад.

2. Диссертатсияи Буриев Бахтиёр Болтаевич дар мавзуи «Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ» барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-077-и назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Қарор дар ҷаласаи якҷояи шуъбаи фанҳои табиӣ-риёзӣ, технологияи иттилоотӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсӣ-и Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони

Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз 18 феврали соли 2025, протоколи №02 қабул гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 12 нафар, аз он ҷумла 2 нафар доктори илм. Натиҷаи овоздиҳии кушод: «тарафдор» – 12 нафар; «зид» – нест; «бетараф» – нест.

Раиси ҷаласа, мудири шуъбаи фанҳои табиӣ-риёзӣ, технологияи иттилоотӣ ва бозингариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон,
д.и.ф.-м., профессор Ҷӯразода Х.Ш.

Котиби ҷаласа Пулотова Г.

Маълумот барои тамос:
Суроға: 734024, ҶТ, ш. Душанбе, кӯч. А. Адҳамов 11/2
Тел.: 2 25 84 06, 2 25 84 09
Суроғаи электронӣ: prmatt@maorif.tj

*Имзои Ҷӯразода Х.Ш. ва Пулотова Г.-ро тасдиқ менамоям:*

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Х. Ҳакимова